## Тақризи

**доктори илмҳои филология Ғаффоров Абдушукур ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ**

Мавзуи интихобнамудаи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» ба назари мо, аз ду ҷанбаи муҳими илмӣ - муқоисаи унсурҳои луғавии асари мавриди назар ва нишон додани ҷойгоҳи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ дар асари мазкур иборат мебошад. Ба ин хотир, мавзӯи интихобкардаи диссертант актуалӣ аст, зеро “дар фарҳанги мазкур ҳабдаҳ ҳазору панҷсаду сиву ҳафт воҳиди луғавӣ шарҳ дода шудаанд ва як ҳиссаи чунин унсурҳои луғавиро калимаву таркиб ва ибораҳое ташкил додаанд, ки агарчи аз доираи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ берун шудаанд, аммо дар забони мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва мавзеъҳои бурунмарзии тоҷикнишин боқӣ мондаанд”(саҳ.3). Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии истифодагардида иборат мебошад. Дар муқаддима муҳиммият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳо, манбаъ, методологияи таҳқиқ, асосҳои назарӣ, навгонии илмӣ, арзиши амалии мавзуъ, нуктаҳои меҳварии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хронологияи таҳқиқ равшану возеҳ баён гардидааст.

Боби нахусти рисола “Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» ном дошта, дар фаслҳои он масъалаҳои Муҳаммад Ғиёсуддин ва мансубияти маҳаллии вожаҳо, мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот», истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ ба сифати унсури эзоҳёбанда, корбурди онҳо аз тарафи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» ба риштаи пажӯҳиш кашида шудаанд.Ба назари диссертант соҳиби «Ғиёс-

ул-луғот» чаҳор тарзи мансубияти маҳаллии калимаву ибораҳоро эзоҳ додааст, ки дар автореферат ин чаҳор тарз бо мисолҳо асоснок гардидаанд. Дар фасли "Истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ аз тарафи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» унсурҳои навро дарёфтан мумкин аст. "Дар забони муаллифи луғатномаи мавриди таҳлил якчанд унсури луғавие ба кор рафтаанд, ки онҳо ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ мавҷуд нестанд, чунин калимаҳоро танҳо мардуми минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон ба кор мебаранд. Ин гуна воҳидҳои луғавиро муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» ҳангоми шарҳи калимаҳои дигари эрониаслу иқтибосии барои мардум нофаҳмо истифода кардааст. Масалан, калимаи почаро Ромпурӣ ҳангоми эзоҳи воҳиди луғавии куроъ ба кор бурда чунин навиштааст: «Почаи гӯспанд ва гов; ва поча ба маънии соқи ҳайвонот аст...» (саҳ. 10). Андешаҳои муаллиф бо овардани иқтибос аз китобҳои "Фарҳанги ибораҳои рехта"- и Фозилов М., "Очерки по таджикской диалектологии»- и Расторгуева В., "Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ"- и Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. асоснок шудаанд.

«Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» дар боби дуюми рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар зерфасли якум «Маҳфузии вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» ҳангоми таҳлил кардани вожаҳо маводи фактологиро аввал аз «Ғиёс-ул-луғот» оварда, баъд аз лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҷумла ё порчаҳои алоҳидаро зикр менаояд. Бино ба таҳлили рисоланавис вақте ки гурӯҳе аз вожаҳои дар луғатномаи мазкур шарҳёфтаро бо таркиби луғавии лаҳҷаҳои ҳозира муқоиса менамоем, маълум мегардад, ки онҳо дар гуфтори мардуми ҷануби шимоли Тоҷикистон на танҳо истифода мешаванд, балки илова ба маънои пештара боз тобишҳои нави маъноиро соҳиб шудаанд. Ин ҷо ба сифати мисол шарҳи феъли *калкал* (кардан)-ро дар «Ғиёс-ул-луғот» ва истифодаашро дар лаҳҷаҳои ҳозира овардан мумкин аст. Ромпурӣ дар эзоҳи ин воҳиди луғавӣ менависад: «Калкал…-ҳарзагӯӣ» . Муаллифи луғат вуҷуд доштани шаклҳои калкал

ва калмакали ин воҳиди луғавиро низ ишора намудааст. Ин калима ҳоло дар баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ, мисли Хуҷанд, Конибодом, Исфара маънои «сарзаниши сахт кардан», «аз чор тараф ба касе дарафтодан»–ро дорад (саҳ.12). Дар ин боб гурӯҳи калони воҳидҳои луғавии «Ғиёс-ул-луғот» аз рӯи хусусиятҳояшон ба чанд зергурӯҳ - калимаҳое, ки бе ягон тағйирот дар «Ғиёс-ул-луғот» ва лаҳҷаҳои ҳозираи зикргардида боқӣ мондаанд ва гурӯҳи дигар дар баъзе лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубӣ ба якчанд маъно ба кор рафта, дар қисме аз онҳо ба як маънои мушаххас истифода мегарданд, ҳиссаи дигарро онҳое ташкил медиҳанд, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ якчанд гунаро соҳиб гардидаанд, гурӯҳи дигар вожаҳоеро дар бар мегиранд, ки дар «Ғиёс-ул-луғот» ва лаҳҷаҳои ҷанубии ҳозира дар шаклҳои гуногун ба кор рафта, дар лаҳҷаҳои шимолӣ танҳо дар як вариант дучор меоянд, ҷудо намудааст. Бино ба хулосаи диссертант "чунин шаклҳо дар замони муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» пайдо нашуда, онҳо дар давоми чандин садсола дар истифода қарор доштаанд (саҳ.14). Дар диссертатсия инчунин калимаҳое, мисли хусур «падари зан», рих «фазла», шах «кӯҳпора», шаҳ / шаҳӣ «домод», гилем «чакман», шанг «зебо», линг «ҳар кадом аз пойҳо аз сарпанҷа то қадкашак» низ ба тарзи боло ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Як қисми чунин калимаҳо дар ифодаи номи хӯрданиҳо, асбобҳои рӯзгор, лавозимоти ҳайвоноти хонагӣ ва мафумҳои ба он вобаста омадаанд. Бояд гуфт, ки дар маҷмуъ, боби дуюм бештар хусусияти фактологӣ дорад.

Боби сеюми рисола, ки "Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» унвон дорад, аз чаҳор фаслу ду зерфасл иборат аст. Зимни баррасии "Маҳфузии вожаҳои иқтибосии забонҳои дигари эронии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ", "Боқимонии вожаҳои иқтибосии ҳиндии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ", "Маҳфузии вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ", "Таҳаввулоти маъноии вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои

ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ" ба андешаҳои олимони забоншинос Деххудо А., Ҳасанов А. , Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. , Мирзозода С., Ӯзбеков С. ва ғ.-ҳо истинод шуда,мавқеи шахсии диссертант равшантар ифода меёбад. Ба назари муҳаққиқ муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар қатори дигар калимаву таркибу ибораҳо даҳҳо унсури луғавии туркӣ- муғулиро шарҳ дода, сарчашмаи ахбори худро дар бораи туркӣ будани чунин воҳидҳои луғавӣ ишора намудааст. Вале баъзан бо вуҷуди маънидоди баъзеи ин гуна калимаву ифодаҳо доир ба мансубияти забонии онҳо чизе нагуфтааст. Дар рисола чунин тарзи маънидод ҳангоми таҳлили калимаҳои туркӣ-муғулии к*ӯтал* «баландӣ, хома» , *пехта* ё *пихта* «ҷойи буридаи дарахту бутта, *тузук* «тартиб; интизом», *тукмоқ* «мехчӯб», *чечак* «обила», *тағой* «бародари модар»], *ако* «бародар», *янга* «завҷаи бародар», *язна* «шавҳари хоҳар» ва ғайраҳо сурат гирифтааст. Дар ин боб назария бо амалия пайванд мухӯрад, мисолҳо аз фарҳангномаҳо ба хотири собит намудани фикр оварда мешаванд, иқтибосҳо аз сарчашмаҳо ва маъхазҳои муътамад, корбурди методҳои муқоиса ва омор, инчунин таҳлилу қиёс, проблемагузорӣ ва натиҷагирӣ ҷанбаи илмии диссертатсияро мукаммал намудаанд. Хулосаи боб реша бар умқи мавзуи мавриди назар дорад.

Дар хотима хулосаҳои умумии кор дар бандҳо пешниҳод шудааст.

Новобаста ба ин, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки онҳоро ба шакли фишурда зикр менамоем:

1. Дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ оид ба китоби Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ», ки ба мавзуи мавриди назар робитаи ногусастанӣ дорад, маълумоти фишурда додан зарур аст.
2. Ба назари мо, зербахши якуми боби дуюм «Маҳфузии вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» агар ба гунаи «Ҳифзи вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» таҳрир мегардид, равону гӯшнавозтар мешуд.

3. Беҳтар аст, ки хулосаи умумии кор бо бандҳо ҷудо карда шавад.

Ба назари мо, камбудиву пешниҳоди зикршуда ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд. Муҳим он аст, ки мавзуъ нав аст, бори аввал мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор мегирад. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии худ ба талаботи КОА- и назди Президенти Тоҷикистон ҷавогӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои филология, профессор А.Ғаффоров

Нишонии муассиса: 734003
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: 992(+327)227 76 57

Имзои д.и.фил., профессор
Абдушукур Ғаффоровро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.
16.01.2023

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. АЙНӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС